**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии "Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
профессор ____________ Раҳмон Д.С.
"26" ___08___ соли 2023

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ" ба диссертатсияи Лутфуллои Саъдулло дар мавзуи «Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ).

Мубрамият ва зарурияти таҳқиқи мавзуи интихобнамудаи Лутфуллои Саъдуллоро ҳаллу фасли проблемаи мақоми таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ ташкил медиҳад. Рушди босуръат ва рақобатпазирии ҷомеаи муосир, ки ба он иттилооткунонӣ низ таъсири назаррас мерасонад, бо якчанд нишонаҳо тавсиф гардида, иттилооткунонӣ ва зарурати пешрафт дар бисёр самтҳои илмӣ, ки қисми зиёди онҳо ба фанҳои табиӣ-риёзӣ вобастаанд, яке аз ин нишонаҳост. Дар ин замина, муаллифи рисола ибрози ақида менамояд, ки бо мақсади ислоҳи вазъ ва тақвият бахшидан ба нерӯи зеҳнии ҷомеа солҳои 2020-2040 бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон гардид. Ва бо мақсади таъмини пешрафт дар ин соҳа на танҳо инфрасохтори дахлдори таълимӣ, балки кадрҳои омодашуда ва салоҳиятноки омӯзгорӣ низ лозиманд, ки ба таври зарурӣ сатҳи маълумотнокии табиатшиносии муҳассилинро ташаккул дода тавонанд. Ин усул бахусус, дар партави тамоюлҳо дар методикаи таълим аҳамият касб кард ва ин аз он далолат медиҳад, ки истифодаи ҳамаи технологияҳои таълимӣ бояд ба инкишофи умумии шахсият ва бо салоҳиятҳои зарурӣ барои фаъолияти касбии минбаъда таъмин кардани ӯ равона шуда бошад. Бо таъсири ин консепсия ташаккул ва рушди низоми омодагии мутахассисони оянда дар мактабҳои олӣ сурат мегирад ва ин бештар ба кормандони ояндаи педагогӣ тааллуқ дорад, зеро онҳо дар доираи фаъолияти касбии худ бояд бо наврасон кор карда, ба онҳо дониш омӯзонанду муҳаббати онҳоро ба фанҳои табиӣ-риёзӣ бедор карда тавонанд.

Муаллифи рисола дуруст қайд мекунад, ки масъалаи омодагии омӯзгорони фанҳои табиӣ-риёзӣ дар асоси методикаҳои инноватсионии педагогӣ, ки минбаъд онҳоро дар сатҳи мактаби миёна истифода бурда тавонанд, аҳамият касб мекунад.

Бо муаллифи рисола дар он хусус розӣ шудан мумкин аст, ки новобаста аз таҳқиқоти сершумор ва омӯзиши васеи ин масъала ҷанбаи истифодаи технологияҳои таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар ҷараёни омодагии омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз нуқтаи назари муайян баррасӣ гардида, фақат ба як қатор масъалаҳои таҳқиқшаванда тааллуқ дорад. Яъне ба фикри муаллифи рисолаи мазкур, ҳарчанд олимон ба масъалаи татбиқи технологияҳои таълими ҳамгиро дар низоми таҳсилоти Тоҷикистон диққати зиёд медиҳанд, вале таҳлили фаъолияти мактабҳои олӣ нишон дод, ки масъалаи баҳодиҳии умумии самаранокии татбиқ, истифода ва мазмуни технологияҳои зикршудаи таълим, ки ба омодагии омӯзгорони ояндаи фанни “Технологияҳои иттилоотӣ” дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ равона гардидааст, дар илми педагогика кам таҳқиқ шудааст.

Аз ин рӯ, мавзуи интихобшуда ва коркарди илмии он аз тарафи Лутфуллои Саъдулло дар давраи кунунии рушди маориф ва илми педагогика, бахусус дар масъалаи салоҳиятмандӣ ҷолиби диққат ва мубрам маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, тавсияи умумии кор, ду боб, зербобҳо, хулосаҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи таҳқиқот, мақсад, вазифаҳо, объект, фарзия, марҳила ва давраҳои таҳқиқот, асос ва аҳамияти назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ ва саҳми шахсии муаллиф муайян ва муқаррар гардидаанд.

Бо воситаи боби якум “Асосҳои назариявӣ-методологии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба муаллимони ояндаи технологияи иттилоотӣ” муаллиф масъалаи усули ҳамгирои таълим дар дидактикаи муосир, дурнамои таълими ҳамгиро дар психологияи педагогӣ ва ҳолати таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намудааст.

Аз ҷумла, дар асри пешрафти иттилоотӣ ва сатҳи беназири ҷамъоварӣ ва истифодаи иттилоот ба ҳам воридшавии маълумот аз соҳаҳои гуногун рух медиҳанд. Дар ин ҳангом талаба (донишҷӯ, таълимгиранда) ин алоқаи байниҳамдигариро дида наметавонад, ки бе он дар шароити кунунӣ моҳияти падидаҳои беохири табиату илмро азхуд намудан ва дарк кардан душвор аст. Вобаста ба ин, тибқи якчанд таҳқиқот, донишҷӯёне, ки ба онҳо омӯзгори таҷрибаи амалидошта дарс медиҳад, нисбат ба

донишҷӯёне, ки ба онҳо омӯзгори камтаҷриба дарс медиҳад, аз рӯи тавсифҳои касбӣ баҳои баланд мегиранд.

Ба назарияи умумии усули ҳамгирои таълим дар дидактикаи муосир баргашта, муаллифи рисолаи илмӣ қайд мекунад, ки ба андешаи баъзе муҳаққиқон, вақтҳои охир дар доираи низоми маориф дар маҷмуъ ва алоҳида дар таҳсилоти олии касбӣ ҳамкорӣ ва ҳамдигартакмилдиҳии фанҳои анъанавии илмӣ рӯй медиҳад, ки ин зарурати бозбинии сохтори ташаккулёфтаи донишҳои илмӣ ва дар натиҷаи он таҳияи усулҳои нави ҷараёни таълимро талаб мекунад. Ин масъала дар ташкили дарсҳои ҳамгиро ва барномаҳои зарурӣ яке аз шаклҳои имконпазир аст. Дар илми педагогика падидаи ҳамгирой дар намуди "дарси ҳамгиро" таҷассуми амалӣ гирифт, ки он ё дар як вақт ё якҷоя бо мафҳуми дарси "бинарӣ" ё "муштарак", инчунин "таълими модулӣ" ба назар мерасад. Салоҳиятҳои умумии омӯзгор на танҳо аз ҷиҳати техникии омодагии касбиро донистани ӯ, балки аз доштани доираи васеи донишу маҳорат аз фанҳои ҳамшафат, баъзан аз фанҳои хусусияти гуманитаридошта ташаккул меёбанд.

Дар боби дуюм «Асосҳои методии амалисозии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба муаллимониояндаи технологии иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» проблемаҳои амалии ҳамгирой ҳамчун принсипи муҳимми муайян намудани мазмуни фанҳои табиӣ-риёзӣ, асоснокии мантиқию мазмунии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактаби олӣ, технологияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактаби олӣ, самаранокии мазмун ва технологияҳои таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ, ки ба ташаккули касбияти омӯзгорониояндаи технологияҳои иттилоотӣ оварда мерасонад, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ дар асоси таҳлили вазифаҳои таълимии мактаби миёна ва олӣ дар адабиёти илмӣ оид ба масъалаҳои мазмуни фанҳои таълимӣ, ҳамгироии мазмуни таҳсил ва мазмуни таълимро ҳамчун яке аз самтҳои асосии ҳамгироии педагогӣ тавонистааст муайян намояд.

Дар асоси омӯзиши адабиёти мавҷуда вобаста ба мазмуни рисолаи мазкур ва методикаҳову истифодабарии онҳо иҷрои қисми амалӣ оид ба таҳқиқоти илмии олимони Тоҷикистон ва Россия дар самти баҳодиҳии самаранокии истифодаи таълими ҳамгироии фанҳои табиӣ-риёзӣ ва истифодаи таҷрибаи педагогӣ баррасӣ гардида, усулҳои самаранок ва дарёфти имконпазири методҳои нави гузарондани таҳқиқоти амалӣ муайян карда шудааст.

Чунончӣ, муаллифи рисолаи мазкур, махсус таъкид доштааст, афзоиши назарраси қисмҳои маромнокӣ, назариявӣ ва амалии сатҳи омодагии омӯзгорониояндаи технологияҳои иттилоотӣ бо истифодаи технологияҳои таълими ҳамгиро дар фаъолияти касбӣ дар ҳолати

истифодаи методҳои ҳамгиро, ки дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ асос ёфтаанд, дар ҷараёни таълим ба назар мерасад.

Аз таҳлили рисолаи мазкур бармеояд, ки иҷрои вазифаҳои таҳқиқот таъмин гардида, инчунин дар ҷараёни таҳқиқи назариявии мавзуи диссертатсия ва озмоиши педагогӣ фарзияҳои таҳқиқот тасдиқ шуданд.

*Навгонии илмии таҳқиқот дар нуқтаҳои зерин ифода ёфтаанд:*

- сохтор, мазмун ва мундариҷаи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба муаллимони ояндаи технологияи иттилоотӣ дар муассиаҳои таҳсилоти олии омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ карда шудааст;

- модели таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ барои омодагии касбӣ-методии муаллимони ояндаи технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ таҳия гардидааст;

- роҳу усулҳои самараноки амалисозии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба муаллимони ояндаи технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ коркард шудааст;

- меъёрҳо, сатҳҳо ва нишондодҳои илман асосноки амалисозии таълими ҳамгирои технологияи фанҳои табиӣ-риёзӣ ба муаллимони ояндаи технологияи иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян гардидааст;

- самаранокии коркарди методии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар омодагии муаллимони ояндаи технологияи иттилоотӣ амалан санҷида ошкор гардидааст.

*Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот* бо дуруст гузоштани вазифаҳо, истифодаи маълумоти омори расмӣ; асоснокии мавқеъҳои методологии ибтидоӣ; мутобиқат ба маҷмуи усулҳои истифодашуда оид ба предмети таҳқиқот, вазифаҳои гузошташуда ва таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мешавад. Илова ба ин, мутобиқати рисолаи мазкур ба натиҷаҳои дигар таҳқиқоти ба ҳам наздики муаллиф, инчунин ба муқаррароти ибтидоии назариявӣ муайян гардидааст.

*Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот бо нуктаҳои зерин муайян карда шудаанд:*

- ба назария ва амалияи истифодаи технологияи таълими ҳамгиро дар таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисса гузошта шудааст;

- муайян гардидааст, ки донишҷӯён ва омӯзгорони мактабҳои олии Ҷумхурии Тоҷикистон ба самаранокии таъсири усулҳои ҳамгирои таълими фанҳои табиӣ- риёзӣ ба маромнокии таълимии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ба фаъолнокии мустақилонаю маърифатӣ, давомот ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ баҳои баланд медиҳанд;

- омӯзгорони мактабҳои олии кишвар барои гузаронидани машғулиятҳои ҳамгиро дар сатҳи зарурӣ салоҳият ва маромнокии ҷавобгӯ ба талабот надоранд муайян гардидааст;

- ҷанбаҳои инфрасохторӣ ва салоҳиятноки татбиқи бомуваффақияти технологияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи воситаҳои таҳияи консепсияҳои таълимӣ, машғулиятҳои омӯзишӣ ва омодагӣ ба дарсҳои ҳамгиро муайян гардиданд;

- маҷмуи таркибҳое, ки қисмати технологии модели таълими ҳамгирои фанҳои табиатшиносиро ташкил медиҳанд, муайян гардидааст;

- тасаввуроти илмию методӣ дар бораи ҷараёни татбиқи технологияи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактаби олӣ, ки дар нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва сатҳи омодагии касбии омӯзгорону донишҷӯён асос ёфта, мутобиқгардонии ҳалли маҷмуи масъалаҳои илмию амалии татбиқи таълими ҳамгироро дар ҷараёни таҳсил имконпазир мегардонад, васеъ гардонида шудааст.

*Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.* Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани мӯҳлати марҳилаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии такрори озмоиш дар амалияи таълиму тарбия таъмин намудаанд.

*Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.* Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, рисола ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Хуб мебуд, агар дар рисола таҷрибаи пешқадами омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ оид ба истифодаи таълими ҳамгиро ба сифати намуна оварда мешуд.

2.Дар рисола масъалаи истифодаи таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ вобаста ба зинаҳои таълим дар муасисаҳои таҳсилоти умумӣ дида баромада мешуд ба мақсад мувофиқ мебуд.

3.Дар матни диссертатсия ва автореферат хатоиву ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар беҳтар гардидани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Эродҳои ишорагардида арзиши таҳқиқоти илмии Лутфуллои Саъдуллоро коста намегардонад.

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:* Мазмуни кори диссертатсионӣ ба соҳаҳои таҳқиқоти шиносномаи ихтисоси

13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) мутобиқ аст.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқи илмии ба анҷомрасида буда, дар самти ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯ дар шароитҳои дарси ҳамгиро заминаи илмӣ барои корҳои илмии минбаъда, таълифи осору мақолот ва таҳияи навгониҳои соҳавӣ, барои таҳияи асарҳои монографӣ, таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимӣ оид ба усулҳои истифодаи технологияву барномаҳои компютерӣ дар таълиму тарбияи кӯдакони нуқсони нутқидошта, хондани курсу семинарҳои махсус роҳнамое хубе буда метавонад.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: русӣ ва тоҷикӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 8 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 5-тои он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тавсиягардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, кори таҳқиқотии анҷомёфта ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба омодасозии салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ, ки дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Хулоса, вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи “Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – уми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Лутфуллои Саъдулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) мебошад.

Тақриз аз ҷониби эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи илмҳои компютерии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Қурбонова Умеда Талабовна тартиб дода шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими информатикаи муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ

Лутфуллои Саъдулло иштирок ва суханронӣ намуд, баррасӣ ва тасдиқ гардид (Суратҷаласаи №1, аз 26.08.2023).

Дар ҷаласаи кафедра 16 нафар аъзои кафедра иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “Тарафдор” – 16 нафар, “Бетараф”- нест, “Муқобил” – нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси ҷаласа,
номзади илми педагогӣ, дотсент, мудири
кафедраи методикаи таълими информатикаи
муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сафаров С.С.

Эксперт
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони
кафедраи илмҳои компютерии Муассисаи
давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Қурбонова У.Т.

Котиби ҷаласа:
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими
информатикаи муассисаи давлатии таълимии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Афизов С.Х.

Имзоҳои Сафаров С.С., Қурбонова У.Т. ва Афизов С.Х. - ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ-и МДТ Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Суроғаи муассисаи пешбар: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, тел.: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09, факс: (+992 3322) 2-35-06. Сомона: www.kgu.tj. E-mail: info@kgu.tj